«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.
_______________
« 17 » 02 2024 с.

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Унвонҷӯ соли 2016 шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, айни ҳол прокурори шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда ва ҳамзамон унвонҷӯӣ кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Аз 05 майи соли 2017 тибқи фармоиши ректори ДМТ №139-05 унвонҷӯӣ кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуда, 14 январи соли 2021 тибқи фармоиши ректори ДМТ унвонҷӯиро хатм намудаст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти № 107 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 09 октябри соли 2023 дода шудааст.

Маълумот дар бораи имтиҳонҳои номзадии супоридашуда:

1.Таърих ва фалсафаи илм – “АЪЛО” 17.12.2019;

2.Забони хориҷӣ (англисӣ) – “АЪЛО” 20.08.2020;

3.Ихтисос(12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) – “АЪЛО” 09.02.2023.

Роҳбари илмӣ Назаров Аваз Қувватович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалистика ва

фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05 феврали соли 2024, № 7 ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ба системаи умумии ҳуқуқи Тоҷикистон дохил буда, дорои тамоми нишонаҳо ва принсипҳои ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон таалуқдошта мебошад. Чунончӣ, мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ асоси ҳуқуқи ҷиноятиро низ Конститутсияи ҶТ ташкил медиҳад. Бисёр ҳолатҳои он бевосита ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодии инсону шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеъа ва давлат равона карда шудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018 таъкид намудаанд, ки: «Пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад. Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бо ҷинояткорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад» .

Пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили моликият бештар аз он вобаста аст, ки категория ҳамчун неъмат, ки таҳти ҳимояи ҳуқуқии ҷиноятӣ қарор дорад, бояд муайян карда шавад. Дар баробари ин, қонуни ҷиноятии амалкунанда, пеш аз ҳама, ҳифзи ҳуқуқ ба моликиятро таъмин мекунад, ки ин ҷабҳаҳои мусбати қонунгузории ҷиноятиро исбот мекунад.

Дар диссертатсия зикр карда шудааст, ки яке аз ҷиноятҳое, ки ба муқобили муносибатҳои молумулки равона карда шудааст расонидани зарари амволӣ ба молик ё дигар соҳиби амвол бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф ба ҳисоб меравад. Дар фарқият аз тасарруф, аз он ҷумла аз қаллобӣ (м.247 КҶ), дар ин ҷиноят аломати «гирифтани амвол» вуҷуд надорад, яъне, амвол микдоран аз фонди накдии ҷабрдида хориҷ карда намешавад, он аз ихтиёри соҳибмулк ҷудо карда гирифта намешавад. Дар ин ҳолат гунаҳкор зарари амволиро ба ҷабрдида бо роҳи надодани лозимият, бо роҳи дастрас накардани амволе, ки бояд ба фонди накдии ҷабрдида дохил шавад, мерасонад, ки инро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ фоидаи аздастрафта меноманд.

Гуфтаҳои болозикр ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқотро муайян намуда, талаб мекунанд, ки пешниҳодҳои самаранок баҳри такмили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) таҳия карда шавад ва имконияти дар амалия татбиқи онро боз ҳам зиёд гардонад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– таҳлили рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

- баррасии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– муайян намудани табиати ҳуқуқи ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– ошкор намудани мафҳум ва аломатҳои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– таҳлили унсурҳои объективии ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– таҳлили унсурҳои субъективии ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– омӯхтани аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ дар самти проблемаҳои асосии доктринаи ҳуқуқии ҷиноятӣ, вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда ва тадқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои тадқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ–амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** методҳои диалектикӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисави-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷидашудаанд, истифода шуданд. Методҳои умумӣ-илмӣ имкон

дод, ки омӯзиши нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дар рушди ҷомеа ва таъсири онҳо ба ҷомеаи муосир, истифодаи бемавриди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ паёмадҳо дорад.

**Навгонии илмии рисола** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мебошад. Бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои байни намудҳои гуногуни ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ тартиби бандубасти ин кирдорҳо мураттаб гардиданд, самтҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешаванд, масъалаи консепсияи нави илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ мушаххас карда мешавад, меъёрҳои таҳлилӣ-муқоисавии ҳуқуқӣ-ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз нав муайян карда шудаанд, объектҳо, аломатҳои объективӣ ва аломатҳои субъективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ таҳлили худро ёфтаанд, хусусиятҳои системавӣ-умумии қонунгузорӣ ва аломатҳои ин ҷиноят муқаррар карда шудаанд.

**Оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия** аз ҷониби муаллиф 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр шудаанд, аз он ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Саидзода, А.М. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объектии расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ [Матн] / А.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №7. – С. 216-219; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Саидзода, А.М. Моликият ҳамчун предмети расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ [Матн] / А.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №8. – С. 239-243; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Саидзода, А.М. Сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии расонидани зарари амволӣ [Матн] / А.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №1. – С. 213-216; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Назаров, А.К., Саидзода, А.М. Понятие обмана или злоупотребления доверием в контексте преступление причинение

имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием [Текст] / А.К. Назаров, А.М. Саидзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №1. – С. 196-203; ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Саидзода, А.М. Отграничения причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием от смежных посягательств против собственности [Текст] / А.М. Саидзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №1. – С. 210-216; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Назаров, А.Қ., Саидзода, А.М. Таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ [Матн] / А.Қ. Назаров, А.М. Саидзода // Материалы международной научно-практической конференции «XIII ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Б. Гафурова (28-29 апреля 2023). – Часть II. Гуманитарные науки (Право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 170-178.

**[7-М].** Саидзода, А.М. Масоилҳои алоҳидаи тафриқагузорӣ байни расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз таркиби ҷиноятҳои монанд [Матн] / А.М. Саидзода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджикистан в зеркале истории», посвященной 115-летию академика АН СССР Б. Гафурова (27 октября 2023). – Часть I. Право, экономика. – Душанбе, 2023. – С. 159-162.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯи одатҳо дар муомилоти маданӣ гузаронидашударо дар бар мегиранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти иҷтимоии волоияти қонун дар он вобаста аст, ки меҳвари онро, аз як тараф, мунтазам риоя ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби тамоми шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва аз тарафи дигар, барои бемамоният ба амал баровардани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин манфиатҳои ҷамъият ва давлат, ташкил менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дуруст бандубаст карда шавад; фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, инчунин, мақомоти иҷро истифода гардад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои

ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминалогия, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Ҷиноятҳои иқтисодӣ» истифода шавад.

**Саҳми шахсии муаллифи** рисола бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағийру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33 -35, 37 уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди ҳуқуқи ҷинояти ва криминалогия, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар кишвар мубрам мебошад.

Ҳамин тавр, аз руӣ ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин Қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ, шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руӣ ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 15 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар.

**Суратмаҷлис аз 05 феврали соли 2024, № 7**

**Раискунандаи ҷаласа:**
**профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**н.и.ҳ., Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.ҳ., дотсент Шарипов С.С.**

**Имзои Ямоқова З.Д., ва Шарипов С.С., – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.**

05.02.2024

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj